**Тақриз**

**ба китобҳои дарсӣ аз фанни математика, ки аз ҷониби омӯзгорони ҶДММ “Андарз” таҳия ва пешниҳод гардидаанд**.

Мусаввадаи китобҳои дарсӣ аз фанни математика, барои синфҳои 5 ва 6-и таълимашон бо забони англисӣ, ки аз ҷониби омӯзгорони ҶДММ “Андарз” таҳия ва пешниҳод гардидаанд, мавриди таҳлил қарор дода шуд ва хулосаи он дар шакли тақриз пешниҳод карда мешавад.

Таҳияи китоби дарсии фанни математика, барои синфҳои 5 ва 6, ки аз ҷониби омӯзгорони ҶДММ “Андарз” барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон, ба хусус муассисаҳои таҳсилоти умумии типи нав, аз ҷумла, барои гимназия ва литсейҳо, мактабҳои Президентӣ, муассисаҳои таълимии муштарак, муассисаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки дар сохтори донишгоҳу донишкадаҳо фаъолият менамоянд ва муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ (хусусӣ), ки фанни математика дар онҳо бо забони англисӣ таълим дода мешавад чораи бомаврид ва саривақтӣ мебошад.

Дар мусаввадаи китобҳои мазкур мавзуъҳо ва мазмуну мундариҷаи онҳо бо назардошти хусусияти синну солии хонандагон таҳия шудаанд.

Дар мусаввадаи китобҳо мавзуъҳо бо назардошти муносибати босалоҳият ба таълим таҳия гардида, усулҳои мароқангези баёни мавзуъҳо ба таври илмию методӣ шарҳ ва маънидод гардида, барои хонандагон осонфаҳму шавқовар мебошанд. Мусаввадаи китоби математика барои синфи 5 аз 109 мавзуъ ва аз бобҳои “Рақамҳо”, “Зарб ва тақсими касрҳо”, “Ифодаҳои алгебравӣ”, ки мансуби қисми алгебра ва бобҳои “Кунҷҳо”, ки мансуби қисми геометрия мебошанд, иборат аст. Дар охири мусаввадаи китоб баррасии 13 мавзуъҳои калон ҳаҷм барои такрори мавзуъҳо пешниҳод шудааст. Ҳамин тариқ, мусаввадаи китоби математика барои синфи 6 аз 75 мавзуъҳо бо зермавзуъҳояш, ки аз бобҳои алоҳидаи мансуби қисми алгебра ва мансуби қисми геометрия мебошанд, иборат мебошад.

Дар баробари ин, ҳангоми таҳлил ва баррасии китоби мазкур камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳоро пеш аз чопи китобҳои пешниҳодшуда зарур меҳисобем.

Мусаввадаи китобҳои дарсӣ аз фанни математика, барои синфҳои 5 ва 6-и таълимашон бо забони англисӣ ки аз ҷониби омӯзгорони ҶДММ “Андарз” пешниҳод шудааст, дар асоси Стандарт ва Барномаи таълимӣ аз фанни математика дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия нагардида, аксар мавзуъҳои он ба Барномаи таълимии фанни мазкур мувофиқат намекунанд.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоем, ки китобҳои мазкур дар 2 қисмат: қисмати мавзуъҳо тибқи талаботи  Стандарт ва Барномаи таълимӣ аз фанни математика дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисмати мавзуъҳои иловагӣ барои машғулиятҳои иловагӣ, ки ба Стандарт ва Барномаҳои таълимии Оксворд, Кембриҷ, Сингапур ва ғайра мутобиқанд, таҳия карда шаванд.  Дар таҳияи мундариҷаи мавзуъҳо пайдарпайии мавзуъҳо риоя карда шавад.

Мусаввадаи китоби дарсӣ аз фанни математика, барои синфҳои 5 ва 6-и таълимашон бо забони англисӣ, ки аз ҷониби омӯзгорони ҶДММ “Андарз” таҳия ва пешниҳод гардидаанд, пас аз ислоҳи камбудии дар боло баёнгардида  барои чоп тавсия дода мешавад.